# ХУЛОСАИ
## комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих А. Шарифзода, доктори илмҳои таърих Б.Т. Қобилова ва доктори илмҳои таърих М.Ҳ. Маликов бо таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Асомиддини Абдулмумин - «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили таҳлили маҷмӯии таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), истиқрои сулҳу ваҳдати миллӣ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ (1997-2000) дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти мавҷудаи дар тӯли солҳои 1991-2021 ба табъ расида амалӣ гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) ва раванди оштии миллии тоҷикон барои таъмини рушди

ояндаи мамлакат аҳаммияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар ин давраи мудҳиши таърихи халқи тоҷик мамлакатро бӯҳрони шадиди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта, соҳаҳои ҳаётан муҳимми халқу мамлакат зиёни ҷиддӣ дида буданд. Дар охири соли 1992 иқтисодиёти мамлакат дар як ҳолати ногувор қарор дошт. Эҳтимолияти аз ҷумҳурӣ ҷудо шудани вилояти Ленинобод ба миён омад. Роҳбарияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод кард. Дар маҷмуъ, хавфи аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон падид омада буд. Хушбахтона, маҳз дар ҳамин давраи ҳассос нерӯҳои сулҳофар, созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ, давлатҳои кафили минтақа ва умуман, ақлҳои солим тавонистанд, ки мамлакатро аз парокандагӣ эмин доранд ва садҳо ҳазор шаҳрвандони сарсону саргардонро ба ҳаёти осоишта бозпас гардонанд.

Омӯзиши раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу субот имкон медиҳад, ки давлатҳои аз сулҳи тоҷикон ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон манфиатдор муайян карда шаванд. Зеро дар баробари неруҳои сулҳофар, ки барои таъмини сулҳу субот кӯшиш меварзиданд, инчунин таҳмилгарони бесуботӣ низ ҳамчун омили муҳимми ҷанги шаҳрвандӣ аз мавҷудияти худ дарак медод. Бинобар ин, дар шароити муосир ҳамаҷониба таҳлил намудани таърихи оштии миллии тоҷикон, муайян сохтани сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ошкор намудани монеаҳои раванди сулҳофарӣ барои ҷомеаи тоҷик хеле муҳим мебошанд. Аз ин рӯ, тадқиқи масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди оштии миллии тоҷикон, на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки зарурияти таҳлилу таҳқиқи илмию амалӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар

тахкики илмии заминахо, сабабхо ва окибатхои чанги шахрвандии солхои 1992-1997 дар Точикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зохир мегардад.

**Эътимоднокии натичахои диссертатсиони**ро дакикияти маълумот, кифоягии хачми маводи тахкикотӣ, коркарди натичахои тахкикот ва хачми интишорот, тахлил, баррасӣ, мукоисаи илмию амалӣ, инчунин тахлили таърихнигории маводхои мавчуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияхо дар асоси тахлили илмии натичахои тахкикоти назариявӣ ва амалӣ пешниход гардидааст.

**Максад ва вазифахои тахкикоти диссертатсионӣ.** Максади асосии тахкикоти диссертатсионӣ тахлили мачмӯии таърихнигории чанги шахрвандӣ дар Точикистон (1992-1997), истикрои сулху вахдати миллӣ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ (1997-2000) дар тӯли солхои 1991-2021 махсуб меёбад. Барои ноил гардидан ба хадафи нихоӣ унвончӯ вазифахое, чун тахлили таърихнигории асару маколахои илмии ба таърихи чанги шахрвандӣ ва сулхи точикон бахшидашуда, тахлил ва баррасии инъикоси заминахо ва сабабхои сар задани чанги шахрвандии солхои 1992-1997 дар Точикистон, тахлил ва баррасии масоили инъикоси даврабандии чанги шахрвандии солхои 1992-1997 дар Точикистон, тахлили раванди танзими мунокиша ва истикрори сулх ва ғайрахоро ичро кардааст.

**Навгонии илмии тахкикот** дар он зохир мегардад, ки рисолаи мазкур чихати таърихнигории таърихи чанги шахрвандӣ (1992-1997) ва сулхи точикон нахустин тахкикоти мачмӯӣ махсуб меёбад. Илова бар ин, ба назари мо, аз чихати назариявӣ ошкор гардидани ахаммияти мавзӯи тахкикот, мавриди тахлили илмӣ карор гирифтани адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии дахсолаи охири асри XX, махсусан тахаввулоти сиёсӣ ва таъсисёбии хизбу созмонхои чамъиятӣ, вокеахои феврали соли 1990 ва чанги шахрвандии солхои 1992-1997 дар Точикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, аз чихати илмӣ тахкик гардидани заминахо, сабабхо

ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва ғайраҳо навгониҳои илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлол кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) **Набизода Ваххоб Машраб** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Б) **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна** – номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини декан оид ба таълими факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3. **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4.Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5**.Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Шарифзода А.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**
**доктори илмҳои таърих** **Маликов М.Ҳ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

12.04.24